ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900-Шарқшиносӣ (6D020902-адабиёти форсӣ) (Душанбе 2022, 193 сах.) пешниҳод шудааст.

Қобили зикр аст, ки бо гузашти замон диккати муҳаккиқони ҷавон ба ҷараёни пешрафту густариши шеъри нав ва шохаҳои мухталифи он вусъат пайдо мекунад. Ҳарчанд то ба имрӯз атрофи бисёре аз норавшаниҳои ин падидаи муҳими адабиёт корҳои арзишманде анҷом шуда, вале боз ҳам гӯшаҳои норавшани он зиёданд. Намунаи чунин таҳқиқе диссертатсияи докторант Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло мебошад, ки ба масъалаи "Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ" дар адабиёти муосири форсӣ бахшида шудааст. Мавзуе, ки то ба ҳол ба таври васеъ омӯхта нашуда ва арзиши илмии он муайян нагардидааст. Аз ин хотир, воқеан ҳам ба чунин баррасиҳои илмӣ ниёз аст.

Гуфтан лозим аст, ки гарчи дар пайдоиши шеъри нав шоирони зиёде саҳм гирифтаанд, вале дар адабиётшиносии ҷаҳон Нимо Юшиҷро асосгузори шеъри нави форсӣ шинохтаанд. Воқеан инқилобе, ки Нимо Юшиҷ дар манзумасароӣ ба вуҷуд овард, қобили омӯзишу баррасӣ аст. Дар адабиёти муосири Эрону Тоҷикистон шоирони зиёде бо бахрагирӣ аз шеваҳои эҷодии Нимо манзумаҳои зиёде сурудаанд.

Абдусаломзода А.М. дуруст қайд мекунад, ки яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар доираи «шеъри нав» масъалаи навовариест, ки дар манзумасароӣ ё маснависароӣ дар адабиёти муосир ба вуҷуд омадааст.

Диссертант сайъ намуда, ин мавзуъро ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Дар вокеъ таҳаввули суннати манзумасароӣ ба номи Нимо вобаста аст, зеро таҳти нуфузи манзумаҳои ӯ адибони зиёде мисли С.Касроӣ, С.Сипеҳрӣ, М.Шаҳриёр, М.А.Солис бо арузи нимоӣ манзума сурудаанд.

Ба ҷуз ин тарзу шеваи нигориши Нимо дар мачмуъ ба зеҳнияти эҷодии шоирони дигар кишварҳои форсизабон асар намудааст. Докторант бо шумори ин дар таҳқикаш мизону дарачаи ин таъсирро дар достонҳои шоирони муосири тоҷик, аз ҷумла М.Қаноат ва А.Ҳаким мавриди арзёбӣ қарор дода, ки ин ҷанба аз аҳаммияти пажуҳиш дарак медиҳад.

Ин андеша, ки дар адабиётшиносии Эрону Тоҷикистон фаъолияти адабии Нимо ба таври лозим таҳқиқ шуда ва аксари муҳаккиқон мисли Яҳёи Ориянпур, Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Комёр Обидӣ, Сирус Шамисо, Умар Сафар зимни таҳқиқ ба манзумаҳои Нимо ва Суҳроб Сипеҳрӣ дахл намудаанд, дуруст аст, вале аксари таҳқиқот ба ҷанбаи мухтавоӣ ва дарунмояҳои манзумаҳо мансуб аст. Унсурҳои навовариву таҷаддуд ва ҷузъиёти дигаргуниҳое, ки дар эҷоди манзумаҳо ба зуҳур расида, аз мадди назари муҳаккиқон дур мондааст.

Матолиби мазкур, махсусан, дар пажуҳишҳои адабиётшиносони номӣ, Хуршеда Отахонова, Аскар Ҳаким, Атохон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифзода ва дигарон каму беш баррасӣ шудааст. Дар ин замина ба вижа китоби Х.Отахонова «Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик» (1983) ва мақолаи ҷудогонааш бо номи «Сурӯши Сталинград»-и М.Қаноат ва баъзе масъалаҳои достони имрӯз» қобили диққат аст.

Диссертатсия муқаддима, се боб, ҳашт фасл, ҳафт зерфасл, хулоса ва номгӯйи адабиётро дар бар мегирад. Дар навбати худ ҳар яке аз

зерфаслҳо ба паҳлӯҳои мухталифи мавзуи асосӣ дахл намуда, муҳтавои корро аз лиҳози мундаричаву санад ғанӣ гардонидааст.

Диссертант дар муқаддима равиши кори илмии худ ва ҳадафҳои асосии пажуҳиши мавзуи мавриди назарро муайян сохтааст. Дар робита ба ин, дар боби аввал, ки "Нимо ва таҳаввули шеъри форсӣ" унвон гирифтааст, муҳаққиқ масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули шеъри нави форсӣ, пешгомони шеъри нав, нақши Нимо дар таҳаввули манзумасароиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Боби мазкурро метавон боби муқаддимавӣ ё заминавӣ номид, ки шомили се фасл ва ду зерфасл мебошад.

Дар ин боб ба дидгоҳҳои Нимо дар атрофи сабабу заминаҳои таҳаввули шеваи кори халлоқона, таҳлили манзумаҳои навпардозонаи шоир «Афсона» ва «Мурғи омин»; таъйини шабоҳату тафовутҳои манзумаҳои Нимо бо маснавиҳои қадим диққати хос дода шудааст.

Махсусан ба манзумаи нахустини Нимо дар заминаи навсарой «Афсона», ки номи Ниморо забонзади мардум намуд, таваҷҷуҳи хос мабзул гардидааст. Вокеан ин манзумаи Нимо дар адабиёти муосири тоҷик низ таъсири амиқе дошта ва борҳо дар ҳамоишу анҷуманҳои илмӣ мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Асоситарин хусусияти ин манзума ба ақидаи Абдусаломзода А.М. корбурди равиши муколама ё диалог, гуфтугӯи озод ва табиӣ дар манзума буд. Худи Нимо муътакид буд, чунин сохторе барои шоир озодиро дар тӯлонӣ кардани мавзуи манзума ба вуҷуд меорад Мақсади ниҳоии шоир наздик кардани шеър бо наср буд.

Диссертант изҳор дошта, ки вазни «Афсона» дар баҳри мутадорик аст, ки арузи суннатӣ аст ва пеш аз шоир адибони дигаре монанди М. Баҳор, Орифи Қазвинӣ, Мирзо Ҳабиби Хуросонӣ аз он истифода бурдаанд.

Аммо муҳимтарин қадами шоир дар эҷоди манзума инкилоби ӯ дар мазмуну муҳтавои шеър буд. Нимо ақида дошт, ки адибони пешин аксаран шоирони пешин дар бораи мавзуъҳои мавриди назарашон ба таври умумӣ суҳбат мекарданд. Шоир ин анъанаро шикаст ва ба шеъри муосир хусуссияти маҳаллӣ бахшид. Тавре ки аз натиҷаҳои диссертант бармеояд, манзумаи «Афсона» ҳар мухотаберо маҷбур месозад, ки перомуни рози ҳастӣ, масоили умумибашарӣ андеша кунад.

Боби дуюми рисола "Нигоҳе ба манзумаҳои пайравони мактаби Нимо" номгузорӣ шудааст. Он аз ду фасл ва панҷ зерфасл фароҳам омадааст. Дар боби мазкур масъалаҳои таъсирпазирии шоирони муосир Сиёвуши Касроӣ, Сухроби Сипеҳрӣ ва мактаби ҳунарии Нимо, устураи «Ораши камонгир» дар адаби форсӣ, бозтоби чеҳраи Ораш дар манзумаи "Ораши камонгир", манзумаи "Муҳраи сурх" ва манзумаҳои «Садойи пойи об» ва «Мусофир»-и Сухроби Сипеҳрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки «Муҳраи сурх» манзумаи дувуми шоир С. Касроӣ аст, ки дар даврони солҳӯрдагии мавсуф дар ғурбат таълиф гардидааст. Омӯзиши дидгоҳҳои муҳаққиқон муаллифро ба ин натиҷа расонида, ки "Муҳраи сурх" бозофаринаи достони "Рустаму Сухроб"-и "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ мебошад, ки бар асоси арӯзи нимоӣ сохта шудааст. Касроӣ бо эҷоди ин манзума хостааст монандиву шабоҳатҳои рӯзгори худро бо фаъолияти суҳроб муқоиса намояд. Ба хонанда собит созад, ки сабуксарӣ иштибоҳу хатто, ки аксар бо иллати ҷавониву беандешагӣ сар мезанад, чи оқибатҳои нохушоянде метавонад дошта бошад. Муҳимтарин барҷастагии ин манзума диди тозаи шоир ва тасвирҳои ҳазорранги он маҳсуб мешавад.

Боби сеюми диссертатсия «Мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик» ном дошта, фарогири чаҳор зерфасл аст. Зерфасли аввал ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри нави Эрон ва махсусан шеъри Нимо бахшида шуда, ҳамчунин

заминаҳои пайдоиши шеъри нави тоҷик дар ибтидои асри ХХ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дар бахшҳои дигар, барои равшан шудани масъала атрофи жанри маснавӣ ва хусуссиятҳои он дар адабиёти классикӣ сухан рафтааст. Дар ин қисмати диссертатсия аввалан пермуни маснавиҳое сухан рафта, ки дар қолаби маснавиҳои суннатӣ эҷод шудаанд. Аз ҷумла перомуни маснавиҳои Мирзо Турсунзода "Писари Ватан", "Садои Осиё", достонҳои А.Лоҳутӣ "Достони Кремл", "Мо зафар хоҳем кард" маълумот дода шудааст. Нихоят дар зерфасли охирини боби мазкур ба масъалаи таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри муосири Эрон пардохтааст. Ба сифати шоҳид маснавиҳои М.Қаноат махсусан достони "Мавҷҳои Днепр", "Китобҳои захмин", "Сурӯши Сталинград" ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Ба ақидаи диссертант дар таҳаввули шеваи манзумасароӣ нақши устод Муъмин Қаноат бисёр арзишманд аст. Шоире дигаре, ки манзумааш ба сифати мисол таҳқиқ шудааст, А.Ҳаким мебошад. Ҳарчанд андешаҳои диссертант атрофи манзумаи ӯ "Санги ман-алмос" духӯраанд.

Қайд кардан лозим аст, ки шинохти масоили таҳқиқ диссертантро ба натиҷаҳои матлуб овардааст. Аз диди ӯ бо зуҳури «Афсона»-и Нимо таҳаввули жанри манзума дар адабиёти муосир оғоз гардид, зеро зарфияту имконот ва озодие, ки сохтори манзумаи Нимо дошт, дар жанрҳои дигар дида намешуд. Саҳми манзумаҳои Нимо махсусан «Афсона» ва «Мурғи омин» дар инкишофи минбаъдаи манзумасароӣ бисёр муҳим аст. Ин тарз, яъне бо усулу шеваҳои дигар офаридани манзума дар эҷодиёти дигар пайравони Нимо махсусан Сиёвуши Касроӣ идомат пайдо намуд, ки намунааш «Ораши камонгир» ва «Муҳраи сурх» мебошанд, ки бо вазни нимоӣ навишта шудаанд. Дар таҳаввули суннати манзумасароӣ нақши манзумаҳои С. Сипеҳрӣ «Садои пойи об» ва «Мусофир» бисёр назаррас аст. Бояд гуфт, ки андешаҳои диссертант перомуни достонҳои шоирони навпардози тоҷик Муъмин Қаноат ва Аскар Ҳаким қобили таммуланд. Тавре ки гуфтем дар таҳқиқ аз эҷодиёти А.Ҳаким манзумаи «Санги ман -

алмос» таҳлилу арзёбӣ шуда, он ҳамчун муҳимтарин падида дар манзумасароии замони истиқлол шинохта шудааст. Дуруст хотирнишон гардида, ки шоир дар бозтоби матолиби мавриди назар мустақилияти камтаре дорад, вале ин шеваро баъдан идома надодааст. Дар поён метавон бо итминон метавон гуфт, ки диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст.

Дар қатори мувафаққиятҳо дар диссертатсияи баъзе камбуду костагиҳо мавҷуд аст, ки зикраашон зарур мебошад:

1. Равшан аст, ки мавзуъи асосӣ зимни омӯзишу масъалаи манзума ва таҳаввули он манзумаҳои М. Қаноат маҳсуб мешаванд. Агар чи дар диссертатсия дар бораи онҳо зикр шуда, вале ба ақидаи мо манзумаҳои М.Қаноат ба таҳқиқи васеътар ниёзманданд, зеро тамоми таҳаввулу тағйири манзумасароиро метавон дар матни онҳо пайдо намуд.
2. Дар диссертатсия манзумаи "Санги ман-алмос"-и А.Ҳаким таҳлил шуда ва таъсирпазирии ӯ аз манзумаҳои Суҳроби Сипеҳрӣ таъкид шудааст. Аммо то он ҷое ки мо иттилоъ дорем, худи шоир ҳаргиз корашро пайравӣ ва тақлид аз дигарон намешуморад. Аз ин рӯ, хуб буд ин масъала бо омӯзиши андешаҳои худи шоир таҷдиди назар ва баррасӣ гардад.
3. Дар диссертатсия ба андешаи мо хуб мешуд, атрофи манзумаҳои шоири муосир М.А. Солис ҳам изҳори назар мешуд, зеро мавсуф дар ин замина манзумаҳои арзишманде дорад.

Албатта эродҳои зикршуда бе ҳеч ваҷҳ арзишу қиммати илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Дар радифи ин муваффақиятҳо дар пажуҳиши мазкур баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни рисоларо тамомият бахшида метавонад:

Диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», ки барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900-Шарқшиносӣ (6D020902-адабиёти форсӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илми филология,
ассистенти кафедраи филологияи
англиси Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода. Мансурова Р.У.

734190, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Муҳаммадиев 17/6
Тел: +992939267277
E-mail: rukhshonamansurova@gmail.com
Сомонаи муассиса: ddzt@ddzt.tj

Имзои ассистенти кафедраи филологияи
англиси Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода.
Мансурова Р.У.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.

«14» декабри соли 2022.